Ба шурои диссертатсионии 6.D.КОА -063-и
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734065, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)
(почтаи электронӣ: info@iutet.tj.
https://www.iutet.tj)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Дар шароити тағйирёбии сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва густариши равандҳои рақамикунонӣ масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, навсозии истеҳсолот ва таҳкими рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ аҳаммияти хосса касб менамояд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ имконият фароҳам меорад, ки равандҳои истеҳсолӣ такмил ёфта, сифати идоракунӣ беҳтар, харочоти истеҳсолӣ оптимизатсия ва истифодаи захираҳои иқтисодию меҳнатӣ самараноктар ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи роҳу воситаҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт яке аз масъалаҳои муҳимми илми иқтисодӣ ва амалияи идоракунии рушди соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

Дар чунин шароит мавзуи диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил таҳти унвони «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)» мубрам буда, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили фаъолияти соҳибкории саноатӣ равона шудааст. Аҳаммияти интихоби мавзуъ, пеш аз ҳама, бо зарурати муайян намудани имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва фароҳам овардани заминаҳои устувори рушди соҳибкорӣ алоқаманд мебошад.

Интихоби вилояти Хатлон ҳамчун объекти таҳқиқот низ асоснок ба назар мерасад, зеро рушди фаъолияти саноатӣ дар минтақа, истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ ва густариши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ барои таҳкими заминаҳои иқтисодии минтақа аҳаммияти муҳим дорад. Омӯзиши хусусиятҳои минтақавии рушди соҳибкории саноатӣ имкон медиҳад, ки омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти корхонаҳо муайян гардида, роҳҳои мувофиқи такмили механизмҳои ташкилӣ – иқтисодии рушди соҳа пешниҳод карда шавад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди соҳибкории саноатиро мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши рақамикунонии иқтисодиётро дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ баррасӣ намудааст. Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои рушди соҳибкории саноатӣ на дар алоҳидагӣ, балки дар робита бо равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва хусусиятҳои рушди минтақавӣ баррасӣ шудаанд. Чунин муносибат барои муайян намудани самтҳои такмили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосир ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Автореферат аз ҷиҳати мазмун ва сохтор барои шиносоӣ бо ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, ҷанбаҳои асосии таҳлили масъала ва натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда замина фароҳам меорад. Мазмуни он аз кӯшиши муаллиф ҷиҳати пайвастани масъалаҳои назариявии рушди соҳибкории саноатӣ бо вазифаҳои амалии рақамикунонии фаъолияти истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад. Ин хусусият аҳаммияти таҳқиқотро дар шароити тағйирёбии талаботи бозори меҳнат, рушди технологияҳои муосир ва зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ тақвият мебахшад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот, ба назари мо, ду эроди тавсиявиро зикр намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1.Ба назари мо, таҳлили сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон бо нишондиҳандаҳои муқоисавии соҳавӣ пурра карда мешуд, арзиши илмии таҳқиқот боз ҳам баланд мегардид.

2.Дар таҳқиқот ба масъалаи омодасозии кадрҳои соҳибмалака барои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба мақсад мувофиқ мебуд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзёбии умумии мусбати таҳқиқот таъсир намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба масъалаи мубрами илми иқтисодӣ бахшида шуда, барои таҳқиқи минбаъдаи равандҳои рушди соҳибкории саноатӣ ва такмили механизмҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Мазмун ва натиҷаҳои дар автореферат инъикосёфта аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф масъалаҳои рушди соҳибкории саноатиро дар робита бо рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлили мақсаднок қарор дода, барои такмили механизмҳои рушди соҳа ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳодҳои дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ манзур намудааст.

Бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва мазмуни автореферати пешниҳодшуда, чунин мешуморам, ки диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардида, аз рӯйи мазмун ва натиҷаҳои инъикосёфта ба талаботи муқаррарагардида нисбат ба корҳои диссертатсионӣ мутобиқат менамояд ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, сардори раёсати илм
ва инновтсияи Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Султонов З.С.

Имзои Султонов З.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

13.10.2026

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН * ТАҲКИКОТИ ДАВЛАТИЙ ТОҶИКИСТОН * STATE UNIVERSITY OF COMMERCE OF TAJIKISTAN
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ